Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит.**

Воқеан, такмили баҳисобгирии муҳосибӣ имконият медиҳад, ки тамоми амалиётҳои молиявӣ ва хоҷагидорӣ дар низоми идоракунию назоратӣ дақиқ, саривақт ва боэътимод инъикос карда шаванд. Ин дар навбати худ, барои таҳлили самаранокии истифодаи захираҳо, муайян намудани хароҷот ва даромад, инчунин банақшагирии фаъолияти оянда заминаи мусоид фароҳам меорад. Ғайр аз ин, ҳисоботи молиявии босифат ба хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки бо ташкилотҳои қарзӣ, сармоягузорон ва дигар шарикони иқтисодӣ ҳамкории муваффақона ба роҳ монанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, талабот ба шаффофият ва эътимоднокии иттилооти молиявӣ рӯз то рӯз меафзояд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ, истифодаи барномаҳои муосири муҳосибӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии мутахассисон аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ин раванд на танҳо самаранокии фаъолияти хоҷагиҳоро баланд мебардорад, инчунин рақобатпазирии онҳоро дар бозор низ таъмин менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот аз коркарди равишҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) иборат мебошад. Ҷиҳати расидан ба ҳадафи мазкур муҳаққиқ дар назди худ вазифаҳои зерин гузоштааст: а) таҳқиқи аҳаммияти

хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои иқтисоди миллӣ ва асоснок намудани шаклу усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ дар онҳо; б) муайянкунии заминаҳои методологии низоми ҳисобдорӣ ва арзёбии низоми назорати дохилӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ); в) таҳлили амалкарди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон; г) мукаммалгардонии унсурҳои методии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ объекти таҳқиқот ва асосҳои назариявию методӣ, амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шудааст.

Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия коркарди заминаҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ ба такмили низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мусоидат намуда, рушди устувори ин хоҷагиҳо мусоидат менамояд.

Коркарду таҳияи равишҳои назариявию методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии унсурҳои методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) навгонии илмии таҳқиқот мебошад. Ба даст овардани чунин навгонӣ ноилгардӣ ба ҳадаф ва иҷрои пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот муайянгардидаро нишон медиҳад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки баъзе аз онҳоро зикр намудем, дар автореферат баъзе аз норасоиҳо ба чашм мерасанд. Ба монанди:

1.Банди якум ва дуюми навгонӣ нисбатан маълумоти зиёдро дар бар гирифтаанд.

2.Дар расми 1 монеаҳои асосии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд. Лекин монеаҳои қайдшуда шарҳ дода нашудаанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии диссератсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» ба талаботи муқаррароти амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент
мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва
андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳматов Б.Қ.

Имзои Раҳматов Б.Қ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25,

Тел: (+992) 100003686, E-mail: rbakhtovard@bk.ru «28» 03 2026с.